ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва мукоисавӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи « Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)» бахшида шудааст. Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, таҳқиқу омӯзиш ва муқоисаи зарфи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ) мубрамияту аҳаммияти диссертатсияи мазкурро созмон медиҳад.

Масъалаи таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии илмии зарф яке аз мавзуъҳои меҳварии сарфи забон ба шумор рафта, таваҷҷуҳи олимону забоншиносони тоҷик ба ин категорияи маъмул аз солҳои бистуми қарни гузашта оғоз ёфта то ин замон дар шинохти он ба сифати ҳиссаи нутки ҷудогона байни забоншиносон назари ягона мавҷуд нест.

Мавзуи таҳқиқотро асосан проблемаҳои аслии пажӯҳиш ва баррасии вижагиҳои сохторӣ, луғавӣ ва маъноии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии хусусиятҳои сохториву семантикии зарф дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Зарфҳо дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо, феълҳо ва пешояндҳо бо дарназардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқ ва муқоисаи зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таҳлилу баррасии ду вазифа нигаронида шудааст: 1. Муайян намудани тафовут, шабоҳат ва мувофиқати роҳҳои созмони зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар раванди мукоиса баҳри дарёфти вижагиҳои типологии забонӣ. 2. Ошкорсозии номувофиқатӣ дар низоми ду забони гуногунсохтори муқоисашаванда ва дарёфти хусусияти типологӣ, ки хоси ҳар кадоме аз забонҳои фавқуззикр аст.

Моҳияти амалии таҳқиқот дар он маълум меградад, ки маводи таҳқиқи мазкур метавонад дар раванди пажӯҳиши типологӣ ва муқоисавии забонҳои хеш ва бегона, таълифу тадвини грамматикаи забонҳои муқоисашаванда ва

дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Луғатшиносӣ» «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ», «Назарияи грамматика» истифода шавад.

Хулоса ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар суханрониҳо ва маърузаҳои дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ хондашуда, ҳамчунин дар мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои мухталифи илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидаанд, ки бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани муқаррароти банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳо, арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навигариҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ) »кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои

диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Тағоева Табассум Музафаровна** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– **Саъдиева Гулистон Фатоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илми филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Саидов Ҳ.А.

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илми филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Сулаймонов С.

доктори илми филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова М.Б.